ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ. – Душанбе, 2022. – 167 саҳ.

Баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон худшиносии миллӣ рушду такомул ёфта, тафаккури таърихии халқ боло меравад. Руҷуъ ба воқеаву ҳодисаҳо ва рӯзгори ашхоси барӯманди асрҳои гузашта ҷустуҷӯҳои маънавии суханварон дар замони муосир буда, нуфуз ва мақоми таърих дар тафаккури шахс ва таваҷҷуҳ ба он нишонаи худшиносӣ, рушду камоли маънавии ҷомеа маҳсуб меёбад. Тасвири бадеии симоҳои адабӣ ва фарҳангӣ дар адабиёти навини тоҷик падидаи тозаи ҳунарӣ буда, маҳз ба ҳамин васила паҳлуҳои гуногуни рӯзгор, хислату ҷаҳонбинӣ ва вижагиҳои осори онҳо равшан мегардад.

Сотим Улуғзода аз адибони пешравест, ки дар адабиёти навини тоҷикӣ осори арзишманди мансури таърихӣ ва драмавӣ таълиф намудааст, ки лаҳзаҳои воқеии таърих ва симои ба асли худ наздики ашхоси таърихӣ сабаки ибратбахш ва сарчашмаи боэътимоде барои имрӯзу фардо мебошад. Диди таърихиву ва ҳақиқатнигории Сотим Улуғзода яке аз омилҳои ҳунари нависандагӣ ва вижагиҳои насри воқеъгароёнаи ӯ буда, дар як силсила мақолаву рисолаҳо, аз ҷумла таълифоти М. Шакурӣ, Р. Мусулмониён, Х. Шарифзода, М. Рачабӣ, Ҷ. Бақозода, Л.Н. Демидчик, А. Насриддинов, А. Набавӣ, Х. Асозода, С. Эмомалӣ, С. Бақозода, Ҷ. Мурувватиён ва дигарон мавриди нақд ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Сотим Улуғзода дар офариниши воқеаҳои таърихӣ, тасвири чеҳраҳои адабию фарҳангӣ, рӯ овардан ба мавзуъҳои таърихӣ ва амсоли инҳо ибтикороти ибратбахш нишон дода, дар ин самт осори нависанда, аз кабили «Ривояти суғдӣ», «Марги Ҳофиз», «Восеъ», «Фирдавсӣ», драмаҳои

«Рӯдакӣ», «Ҷавонии Сино», «Алломаи Адҳам ва дигарон», «Қисмати шоир» ва «Ибни Сино» таҳлилу таҳқиқ шудаанд. Сотим Улуғзода дар тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ ва таърихӣ, аз ҷумла Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Шивоҷӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон ҳунари баланди нигориш ва маърифату дониши адабию таърихӣ нишон дода, омӯзишу таҳқиқи ҳамешагии ин бахши эҷодиёти адиб дар рушду нумуи тафаккури миллӣ ва пос доштани арзишҳои милливу анъанаҳои ибратбахши ниёгон мусоидат хоҳад намуд.

Замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки рушди тоҷикшиносӣ, хештаншиносӣ, таърихшиносӣ, муроҷиат ба ҳофизаи таърихӣ мебошад, пажӯҳиши насри таърихӣ ниҳоят густариш ёфта, инъикоси рӯзгори бузургони миллат ва корнамоиҳои онҳо пураҳаммият арзёбӣ мешавад, ки миллат аз корномаи эшон сабақ гирифта, зиндагии онҳо метавонад баҳри дар рӯҳияи меҳандӯстиву хештаншиносӣ ва ҷонфидоӣ барои марзу бум ва озодихоҳӣ тарбият намудани насли наврас мусоидат намояд.

Офаридани симои бадеӣ ва таърихии намояндагони илму адаб дар раванди пайдоишу ташаккули осори таърихӣ ҷузъе аз масоили эҷоди бадеиро ташкил медиҳад. Доир ба масъалаи инъикоси симои шахсиятҳои барҷастаи таърихиву фарҳангӣ адабиётшиносони тоҷик чун М. Шакурӣ, С. Табаров, Ҷ. Бақозода, А. Набавӣ, А. Сайфуллоев, Х. Асозода, Н. Салимӣ ва дигарон тадқиқоти арзишманд ба анҷом расонидаанд. Бо назардошти мақому ҷойгоҳи Сотим Улуғзода дар ташаккулу таҳаввули насри муосир ва драматургия ва таҷассуми бадеии чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар асарҳои бадеии нависанда диссертант Нодирова Мавзуна Акбаршоевна диссертатсияи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода»-ро таълиф намудааст. Лозим ба қайд аст, ки зимни офаридани симоҳои бадеии шахсиятҳои адабӣ саҳифаҳои таърихи гузаштаи сарнавишти халқ таҷассум ёфта, ин амр дар ташаккул, устуворӣ ва пойдории асолати миллӣ ва пайванди рӯҳонию маънавии наслҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар насри таърихӣ инъикоси образи намояндагони бузурги зиёиёни эҷодкор, шоирону нависандагон, равшанфикрон ва арбобони илму фарҳанг аз солҳои панҷоҳуми асри XX оғоз гардидааст. Чунин симоҳо дар худ камолоти маънавии халқро ифода намуда, ҳамчун сабаки таърихӣ барои донистану шинохтани осори гузашта, баланд бардоштани худогоҳӣ, ифтихори миллӣ ва шукуфоии имрӯзу фардои миллат хизмат мекунанд. Аз ин рӯ, мавриди пажӯҳиш ва баррасӣ қарор додани масъалаи мазкур дар замони имрӯз мубрам ба шумор рафта, метавонад дар рушди худшиносӣ ва худогоҳии насли наврас таъсири босазое гузорад.

Боби аввали диссертатсия «Мақоми Сотим Улуғзода дар адабиёти муосири тоҷик» номгузорӣ шуда, дар фаслҳои алоҳида вижагиҳои ҳунарӣ, маҳорати чеҳранигорӣ ва эҷоди муколама дар коргоҳи адабии нависанда ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Тасвири воқеияти таърихӣ бидуни таҳриф ва инъикоси сурату симои қаҳрамони асар бо забони фасеҳу муассир ва муҷаз ва корбурди асноди воқеӣ барои табиӣ баромадани суҳбату мушовараву мусоҳибаҳои персонажҳои асар аз вижагиҳои насри С.Улуғзода мебошад, ки мавриди пажӯҳиш ва баҳодиҳӣ қарор гирифтаанд. Андешаҳои муаллиф доир ба ҳунари портретофарии нависанда кобили таваҷҷуҳанд ва дар фасли дувуми боби якуми диссертатсия муаллиф тамоми принсипҳои портретофарӣ, аз қабили корбасти воситаҳои тасвир: ташбеҳ, истиора, тавсиф, муболиға, маҷоз ва киноя, ҳамчунин оҳанги нақл, таъкиди лаҳза, имову ишора, муносибату муошират, тарзи либоспӯшӣ, ҳаракатҳои қаҳрамононро, ки барои ҷолибу ҷаззоб ва воқеиву хотирмон баромадани онҳо мусоидат намудааст, мӯшикофона ба таҳқиқ кашидааст.

«Принсипи таърихият дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» номи боби дуюми диссертатсияи Нодирова Мавзуна мебошад, ки дар фасли аввали он масъалаи инъикоси қаҳрамонҳои тахайюлӣ ва ҳам таърихии тавъам бо рӯйдоду воқеаҳои таърихӣ дар повести «Ривояти суғдӣ» ба тасвир кашидашуда таҳлилу баррасӣ гаштаанд. Муаллиф дар фасли дуюми ин боб асосан фарҳанг ва ойини ҷашнгирии Наврӯз, эътиқоди диниву мазҳабӣ, маърифати

оиладории суғдиёнро, ки дар повести мазкур инъикос ёфтааст, аз назари тадқиқ гузаронида, доир ба арзишу аҳаммияти таърихии онҳо назари хешро баён намудааст.

Инъикоси симоҳои таърихӣ, забону фарҳанги гузаштаи халқ ҳамчун унсури асосии насри реалистӣ-таърихӣ дар пойдории асолати миллӣ ва пайванди рӯҳонию маънавии наслҳо нақши босазо дорад. Дар фасли алоҳида таърихияти забон ва фарҳанги асарҳои «Ривояти суғдӣ», «Фирдавсӣ», «Темурмалик» ва «Восеъ» муқоисаву муқобала шудаанд. Муаллиф аз таҳлили осори мазкур ба ин натиҷа мерасад, ки иштироки персонажҳо дар сохтмони сужети повести «Ривояти суғдӣ» ҷолиби диққат мебошад. Равшан гаштани моҳияти масъалаҳо дар заминаи муҳокимаю мулоҳизаронихои мантиқии иштирокчиён ва таваҷҷуҳ ба саҳнаҳои таърихӣ-ҷангӣ, муҳорибаҳо, мубоҳисаҳо дар бораи лашкаркашиҳо, ҷанговарон, шоҳ ва амсоли инҳо дар драмаи «Темурмалик», тавассути образҳои мусбат тасвир кардани ғуруру мардонагии фарзандони тоҷик, меҳнатқаринӣ, ҳаёти маъмулии деҳотиён, урфу одат ва зиндагии ҳаррӯзаи онҳо дар романи «Восеъ» аз вежагихои хосси ин асарҳо маҳсуб дониста шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия – «Вижагиҳои тасвири симоҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» муаллиф доир ба Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Шивоҷӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Аҳмади Дониш ва Садриддин Айнӣ андешаронӣ намуда, бо истифода аз адабиёти марбут ба мавзуи мазкур то кадом андоза муваффақ гардидани муаллифро дар офаридани симои ин бузургон нишон додааст. Махсусан, сифатҳои беҳтарини суханвари мумтоз: шоири қудратманд, ҳофизи хушсадо, дорои зеҳни қавӣ, ҳозирҷавобӣ, бахшандагӣ, хайрхоҳӣ ва монанди инҳо ба мақсад мувофиқ тавзеҳ ёфтааст. Умуман, ду ҳадафи аслии нависанда: аввалан, таҷассуми шахсияти Рӯдакӣ ба сифати шоири тавоно; сониян, муаррифии хубтару беҳтари сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик – Абуабдуллох Рӯдакиро аз тасвирҳои бадеии С. Улуғзода равшан карда шудааст.

Қисмати хулоса муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллифро дар бар гирифта, натиҷаи ҷустуҷӯҳои доманадори ӯ аз омӯзиши мавзуъ дар 17 нукта тазаккур ёфтаанд.

Аз мутолиаи диссертатсия ва автореферати он ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки муаллифи он басо ранҷ кашидаву адабиёти заруриро ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасӣ намудааст. Махсусан, бояд қайд кард, ки забони диссертатсия басо салису равон буда, талаботи усулуби илмӣ дар он риоя шуда, ҷавобгӯи меъёрҳои забони тоҷикии адабӣ мебошад. Табиист, ки дар ин кори илмӣ-таҳқиқӣ дар баробари дастовардҳо, ки хеле зиёд буда, ба чанде аз онҳо ишорат намудем, баъзе норасоиҳои ҷузъиро низ мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба назар гирифтани онҳо аз аҳаммият холӣ нест. Чунончи:

1. Дар фасли дуюм ва сеюми боби дуюми диссертатсия мафҳуми ибораи «таърихияти забон» норавшан боқӣ мондааст.

2. Баррасии тасвири шахсияти Шивоҷӣ дар фасли дуюми боби сеюм хусусияти тавсифӣ дорад.

3. Дар боби сеюми диссертатсия агар чеҳраҳои адабию фарҳангӣ ба таври қиёсӣ баррасӣ мегардид, арзиши илмии боби мазкурро меафзуд.

4. Дар диссертатсия баъзе ғалатҳои услубиву техникӣ роҳ ёфтаанд, (масалан, мусбӣ – саҳ.72; заминатар – саҳ.73), ки ислоҳи онҳо боиси афзудани муҳассаноти ин кори илмӣ-таҳқиқӣ хоҳад шуд.

Агар ба таври хулоса бигӯем, диссертатсияи номзадии Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» тадқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, камбудиҳои зикршуда арзиши илмии онро кам нахоҳанд кард.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳое, ки Нодирова Мавзуна доир ба мавзуи мазкур нашр намудааст ва гузоришҳои илмии ӯ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ба таври комил ифода намуда, аз ҷаҳонбинии густардаи илмии муаллифи он гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи номзадии Нодирова Мавзуна Акбаршоевна дар мавзуи «Чеҳраҳои адабию фарҳангӣ дар эҷодиёти Сотим Улуғзода» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илми филология, сармуаллими
кафедраи методикаи таълими забон ва
адабиёти тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» Бобоҷонова М.Ҳ.
«26» августи соли 2022.

Суроғa:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, н.Б.Ғафуров, кӯчаи Т.Мирхолиқов 16а
Тел: +(992) 92 7602141
E-mail: missmrustamova@mail.ru

Имзои М.Ҳ. Бобоҷоноваро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» Наврузов Э.М.

Суроғa:735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1
Тел:+(992) 117070700
E-mail: ddhkadr@mail.ru
«26» августи соли 2022.